**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Мубрамии мавзуи диссертатсия аз таҳқиқи хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб ҳамчун воситаи ифодакунандаи афкору андешаи муаллиф ва таъсири бадеии он аз дидгоҳи адабиётшиносии тоҷик иборат мебошад. Маҳз дар шароити рушди назарияи адабӣ ва ниёз ба шарҳу тавзеҳи ҷанбаҳои мухталифи осори классикию муосир, бавижа, бо назардошти ашъори гуногунпаҳлуи Муҳаммад Ғоиб, пажуҳиши манзургардида дорои аҳаммияти махсус мебошад. Муаллифи диссертатсия нишон додааст, ки хусусиятҳои ғоявӣ ва жанрии ашъори шоир на танҳо баёнгари муҳиммияти мазмуну мундариҷа, балки ифодагари тафаккур ва назару эҳсосоти фарогири шоир низ маҳсуб меёбанд.

Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна соли 2008 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намуда, аз соли 2022 унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти кории ӯ аз омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаб-интернати №4 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе оғоз гардида, баъдан, ба сифати лаборанти шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, муҳаррири муассисаи давлатии МД ТВ «Сафина», минбаъд дар вазифаҳои мутахассиси шуъбаи таҳлил ва иттилоот, мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва айни замон ба ҳайси мудири шуъбаи таҳлил ва иттилооти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода идома ёфта истодааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 11 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва

мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудааст.

**Боби аввали** диссертатсия «Муҳаммад Ғоиб ва ҷойгоҳи шеъри ӯ дар адабиёти муосири тоҷик» ном дошта, аз се фасл иборат аст ва дар он марҳилаҳои ташаккули шахсияти адабии шоир, вежагиҳои муҳтавои ашъори шоир, бозтоби бадеии симоҳои таърихӣ ва адабию фарҳангӣ дар шеъри шоир, ки дар адабиёти бадеӣ ҷойи асосиро ишғол мекунад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Боби дуюми** диссертатсия «Хусусиятҳои жанрии ашъори Муҳаммад Ғоиб» унвон дошта, дорои шаш фасл аст. Диссертант дар ин боб дар хусуси мавқеи жанри ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, шеъри озод ва шеъри бачагона дар ашъори шоир баҳс менамояд. Муаллиф кушидааст, ки навгониҳои шоирро дар эҷоди жанрҳои суннатӣ ва ғайрисуннатӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик таҳқиқ намояд.

**Боби сеюм** «Ҷанбаҳои адабӣ ва ҳунарии ашъори Муҳаммад Ғоиб» унвон дорад. Ин боб аз се фасл иборат аст. Унвонҷӯ корбурди анвои санъатҳои бадеиро дар шеъри шоир таҳқиқ намуда, такомули ҳунари шоирро дар заминаи таҷрибаҳои ӯ арзёбӣ намудааст.

Диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна ба ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо хулосаҳои муҳимму далелнок мустаҳкам гардидаанд.

Диссертант аз рӯйи мавзуи таҳқиқаш дар маҷмуъ 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 5 ададаш дар саҳифаҳои маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд.

Хулоса, диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб» ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 июни соли 2021 №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария ва
таърихи адабиёти Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Салими Хатлонӣ

“ 14 ” августи соли 2025.

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев 36, х. 21.
Телефон: (+992) 88 300 11 54.
E-mail: s_khatloni@mail.ru

Имзои Салими Хатлониро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: 372325000; факс: +992 372325003; сомона: www.dbz.tj

“ 14 ” августи соли 2025.